*Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!*

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 14 (467),
14 апрели
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон



# АЗ ИМКОНИЯТҲО ОҚИЛОНА ИСТИФОДА БАРЕМ

*Дар ин моҳи муборак (рамазон), баробари ба ҷо овардани фаризаву суннатҳои динӣ, иҷрои амалҳои солеҳ, аз ҷумла хайру эҳсон ва дастгириву навозиши ятимону маъюбон ва камбизоатҳову муҳтоҷон аз сифатҳои шоиставу башардӯстонаи ҳар як мусулмони савобҷӯ мебошанд.*

*Бовар дорам, ки на танҳо соҳибкорону тоҷирон, балки ҳар як инсони хайрхоҳу ҳимматбаланд дар ин моҳи шариф иқдому аъмоли неку писандидаи худро густариш мебахшад ва бо саховату ҷавонмардӣ намунаи ибрат нишон дода, соҳиби савоби зиёд мегардад.*

***

*... Мо бояд ҳар рӯзи мусоиди баҳорро самаранок истифода карда, кишти зироатҳо ва дигар корҳои кишоварзиро вусъат бахшем.*

*Дар шароити имрӯза тамоми кишоварзон ва ҳар як оила бояд ба истифодаи оқилонаву самараноки замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, дар заминҳои обӣ ҳатман ба роҳ мондани кишти такрорӣ, ки манфиату самаранокии ин амал солҳои охир дар фаровонии бозори истеъмолӣ равшан дида мешавад, диққати аввалиндараҷа диҳанд.*

***

*Мо барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тамоми имкониятҳои зарурӣ – обу замин, таҷриба, деҳқонони асил ва мардуми заҳматқарин дорем.*

*Зарур аст, ки аз ин имкониятҳо дурусту оқилона истифода барем, то ин ки як ваҷаб замин холӣ намонад ва барои рӯёнидани ҳосил истифода карда шавад. Хотирнишон менамоям, ки ин талаби замона ва тақозои рӯз мебошад.*

***

*Мо бояд ҳар рӯзи баҳорро ғанимат дониста, кишти зироатҳоро сари вақт анҷом диҳем, барои ҳосили фаровон замина гузорем ва масъалаи захираи дусолаи маводи ғизоиро дар ҳар як оила, ки мардум манфиати онро солҳои охир, бахусус, дар ду соли вазнини паҳншавии бемории сироятии коронавирус диданд, фаромӯш накунем.*

***

*Мо, аллакай, имрӯз бояд дар фикри он бошем, ки фарзандон ва аҳли хонадони мо ва умуман сокинони кишвар ба мушкилӣ дучор нагарданд ва аз камчинии маводи ғизоӣ ё болоравии нархи он, хусусан, дар мавсими тирамоҳу зимистони дарпешистода азияту муҳтоҷӣ накашанд.*

***

*Мо бояд софдилонаву аҳлона заҳмат кашем, ба хотири осоиши фарзандон, аҳли оилаи худ, ҳар як хонадони мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворoccasionally кишвар ҳарчи бештар маҳсулот истеҳсол намоем, барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем ва корҳои ободониву созандагиро тибқи ҳадафҳои муайянкардаамон беш аз пеш густаришу вусъат бахшем.*

***

*... Соли ҷорӣ барои аҳли башар аз ҳар ҷиҳат ва пеш аз ҳама, аз лиҳози таъминот бо озуқаворӣ соли вазнинтарин ва душвортарин мегардад.*

*Дар чунин шароит моро зарур аст, ки нисбат ба ҳар вақти дигар муттаҳиду сарҷамъ бошем, дар лаҳзаҳои душвор ҳамдигарро дастгирӣ кунем, ба таҳлукаву воҳима наафтем, сарфаю сариштакор ва ҳушёру эҳтиёткор бошем, арзишҳои инсондӯстонаву ваҳдатсози фарҳанги миллӣ ва диниамонро ба манфиати оромии ҷомеа ва суботи Ватани азизамон дуруст ва ҳадафмандона истифода барем.*

*Таҳияи М. АКРАМОВ,*
*Манбаъ www.president.tj*
*аз 1.04.2022*




ҲХДТ. Дастгирии устувори иҷтимоии эҳтиёҷмандон - саҳ. 2



Чораандешиҳо аз таҳдиди як офат - саҳ. 4



Самараи ташаббуси ҳизбӣ дар маҳал - саҳ.5



Ниёзмандиҳои инфрасохтори сайёҳӣ - саҳ. 6

# ҲХДТ. ДАСТГИРИИ УСТУВОРИ ИҶТИМОИИ ЭҲТИЁҶМАНДОН



***“Бениҳояд шодам, ки кумаке аз дасти ман ҳам меомадааст. Агар нафари дар ин саҳифа воридкардаи ман кумаке ёбад, пас ман сарфарозам",-мегӯяд Аюбҷон Аёзов.***

***Боиси зикр аст, ки роҳбарияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон масъулияти навбатии саҳифаи фейсбукии “Кор бо маъюбон”-ро ба ӯ бовар карданд.***




Дастгирии ниёзмандон кори хайру накӯ ва садақот ҳамчун рукни тарбияи маънавӣ барои халқу миллати тоҷик анъана гардидааст. Наздик ба як сол мешавад, ки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон бо мақсади дастгирии маъюбон саҳифае боз кардааст, то ин табақаи осебпазир аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ ёбад.

Ташаббуси навбатии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро ҳамчун дастгирии устувори иҷтимоӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, ки нисбати Юсуфҷон Аёзов, нафари имконияти маҳдуддошта, сокини деҳаи Тутзори ҷамоати деҳоти Ваҳдати миллии ноҳияи Ҷайҳун татбиқ гардид.

Юсуфҷон Аёзов ба кумак ниёз дошт. Бо ин дастгирӣ ва имконияте, ки аз ҷониби Кумитаи иҷроияи вилоятӣ ба ӯ муяссар шуд, на як давраи маҳдуд, балки минбаъд метавонад ҳам рӯзгори хешро пеш барад ва ҳам ба дигар маъюбону ниёзмандон кумак намояд.

Чуноне худи ӯ гуфт: “Ман худам ки маъюбам, дарди маъюбонро хуб медонам”.

Соли таваллуди ӯ 1994 аст ва аз соли 2014 бо амри тақдир маюбият гирифтааст.

Ташаббуси мазкур санаи 7-уми апрели соли 2022 бо иштироки Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва Ҳасанзода Тағоймурод, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун амалӣ гашт. Боиси зикр аст, ки дар ин рӯз ба маъюби гурӯҳи 1-ум Юсуфҷон Аёзов дастгоҳи компютерӣ бо хати интернетӣ пайваст таъмин карда шуд, то дар саҳифаи фейсбукии “Кумак ба маъюбон”, ки бо мақсади аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ ёфтани ин табақа таъсис дода шудааст, ба василаи миёнаравӣ хизмати созгоре анҷом дода тавонад. Инчунин, ба ӯ кумаки яквақтаинаи моддӣ аз қабили равған, картошка, пиёз, макарон ва дигар маводи лозима низ расонида шуд. Ин иқдом Юсуфҷон Аёзовро бисёр хушҳол намуд ва ӯ миннатдории хешро ба давлату ҳукумат, ҳамзамон ба раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баён дошт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки номбурда минбаъд фаъолияташро дар саҳифаи “Кумак ба маъюбон” ҳамчун паҳнкунандаи ҳамин саҳифа идома дода, дар навбати худ маълумотҳои дигар маъюбонро дар саҳифаи мазкур ҷой медиҳад.

Лозим ба зикр аст, ки ҳар нафаре нияти садақот дорад, метавонад аз маводҳои саҳифаи мазкур бевосита (тамос бо парастори шахси маъюб) ва ё ба воситаи сохторҳои ҳизбӣ (тариқи нишонии саҳифа) https://www.facebook.com/kumakhkhdt истифода барад. Яъне ҳар шахсе, ки мехоҳад хайр, садақа ва ё кори неке бахри дастгирии ниёзмандон, аз ҷумла маъюбону ятимон кунад, пас ин имконият барои ӯст.

**ИҚДОМИ НАҶИБ**

Ба андешаи рӯзноманигор Саидҷаъфар Сафарзода дар воқеъ ташкили саҳифаи фейсбукии ҳизбӣ, ки он қишри ниёзманди аҳолиро бо саховатпешагон пайваст мекунад, иқдоми наҷиб аст. Ба ин васила савобҷӯён ба маъюбон дасти мадад дароз карда, ҳисси ҳамдардии худро нишон дода, рисолати накӯи инсониро ба иҷро мерасонанд. Дар адабиёти мо дасти фитодаро гирифтан нишонаи мардӣ ба ҳисоб меравад ва Саъдии Шерозӣ низ гуфтааст:

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Бешак фалсафаи шинохти инсон ва дӯст доштани бани башар, ба хусус маъюбону барҷомондагон аз тафаккур ва ҷаҳонбинии миллати мо маншаъ мегирад. Аз ин рӯ дастгирии маъюбон фазилати нек дорад.

**ДАР КОРИ ХАЙР ШАРИК МЕШАВЕМ**

– Дастгирии маъюбону ниёзмандон ва дигар қишри осебпазири ҷомеа яке аз самтҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, ҷиҳати дастгирии моддиву маънавии ниёзмандон пайваста таввақҷуҳ зоҳир мешавад. Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар партави ҳадафҳои барномавии ҳизб ва дастуру ҳидоятҳои ҳамешагии Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, доир ба дастгирии маъюбону ниёзмандон ва шахсони бепарастор дар ҳамкорӣ бо аъзои фаъоли худ аз ҷумла соҳибкорону саховатмандон чораҳои зарури роҳандозӣ намуда, пайваста дар арафаҳои иду ҷашнҳои милливу давлатӣ кумакҳои моддиву маънавӣ мерасонад.



Бо вуҷуди дастгириҳои пайваста наметавон ба ҳамаи маъюбону бепарасторон ва дигар қишри осебпазири ҷомеа дар як вақт кумак расонид. Зеро шумораи умумии маъюбон ба ҳолати 1 июли соли 2021 дар вилояти Хатлон, 59 ҳазору 900 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумораи умумии маъюбон 5578 нафарашон маъюбони гурӯҳи якум, 25504 нафарашон маъюбони гурӯҳи дуюм ва 12613 нафарашонро маъюбони гурӯҳи сеюм мебошанд. Шумораи маъюбон аз овони кӯдакӣ то синни 18 сола дар вилоят 12205 нафарро ташкил дода, ҳисоби миёнаи нафақаи онҳо ба 277,86 сомонӣ баробар аст.

Бинобар ин Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар меҳвари сиёсати инсондустонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ташаббуси навбатиеро бо кушодани саҳифа дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” бо номи “КУМАК БА МАЪЮБОН” роҳандози намуд, ки аз ҷониби истифодабарандагони ин саҳифаи интернетӣ бисёр хуб қабул гардид. Саҳифаи мазкур ба хотири дастгирии ниёзмандон, аз ҷумла маъюбону ятимон ва дигар нафарони имконияти маҳдуд дошта, кушода шудааст, ки дар он маълумотҳои маъюбон бо дарҷи ному насаб, расм, суроға ва рақами телефони мобилии худ ва ё сарапарастагшон, инчунин рақами корти бонкӣ ҷой дода шудааст. Шахсони хайрхоҳу саховатманд метавонанд аз саҳифаи мазкур ба таври васеъ истифода намуда, дар амали намудани кори хайру савоб бо роҳи расонидани кумак ба ин қишри осебпазири ҷомеа саҳми худро гузоранд.

Биёед дар кори хайру савоб шарик мешавем ва кумакҳои худро бо андозаи тавоноии худ ба маъюбон мерасонем, – мегӯяд Худойдод Ёров, мудири шуъбаи таблиғот ва итилооти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

**ДУОИ ХАЙРИ НИЁЗМАНДОН**

– Саҳифаи ҳизбии "Кумак ба маъюбон" яке аз ташаббусҳои беҳтарин ва саривақтии Кумитаи иҷроия Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон буда, қобили дастгирист. Борҳо шоҳиди ҳол гардидаем, ки маъюбони кумакдида ва соҳибони онҳо бениҳоят хурсанду хушҳол гардида, аз сидқи дил дастандаркорони ин ташаббуси наҷибро дуои хайр мекарданд, – иброз дошт Ҳасан Ғуломов, сокини ноҳияи Кӯшониён.

**ХАЙРИ ПИНҲОНӢ АФЗАЛТАР**

– Мегӯянд, ки хайрро ончунон анҷом деҳ, агар бо дасти ростат анҷом додӣ, дасти чапат хабар наёбад. Воқеан ҳам ин ташаббуси ҳизбиён қобилӣ дастгирӣ аст ва ҳар нафар имкон дорад, ки бе ягон намоишкорӣ аз дилхоҳ ҷой ҳамин амали хайри худро анҷом диҳад. Хусусан дар ин шабу рӯзҳои моҳи шарифи Рамазон, ки айёми хайру эҳсонкорӣ аст. Дар ин баробар додани фитри рӯза низ бо ин усул судманд ва бамаврид хоҳад буд. Яъне, дар суратҳисоби корти бонкии нафари имконияти маҳдуддошта маблағи хайр ё фитри рӯзаро метавонем ворид намоем.

Охир аз нафари имконияти маҳдуддошта дида, ки ниёзмандтар аст? Дар ин ҷода бояд ҳамагон ташаббускор бошем ва эшон аз madди назари мо дур набошанд, – мегӯяд сокини дигари ноҳияи Кӯшониён Анвар Ҳафизов.

Ғамхорию дастгирӣ нисбати ҳамдигарӣ, хусусан, нисбати маъюбон аз амалҳои беҳтарини инсонист, ки пушти он хайру савоби зиёд нуҳуфта аст. Мо бояд дар ин ҷода бештар фаъол бошем.

***М. АКРАМОВ,***
***З. БОЗОРОВА,***
***“Ҳамрози халқ”***

# ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН



**_БАРГУЗОРИ СЕМИНАР-МАШВАРАТ ВА АКСИЯҲОИ ҲИЗБӢ, ДОИР КАРДАНИ СУҲБАТҲО БО ШАҲРВАНДОН ДАР МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ МАҚСАДНОКИ НЕРУИ БАРҚ, ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ҲАР ЯК ВАҶАБ ЗАМИН, ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ АЗ ҶУМЛАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁНИ ШАҲРУ НАВОҲИИ ВИЛОЯТ БУДАНД. ЁДОВАР МЕШАВЕМ, МАВОДИ ИН САҲИФА, КИ ШАММАЕ АЗ ИҚДОМОТИ ЗИЁДИ ТАТБИҚШУДА ҲАСТАНД, ҶАНБАИ ҲИСОБОТӢ ДОШТА, МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯАШОН БАР ДӮШИ МУТАСАДДИЁНИ КУМИТАҲОИ ИҶРОИЯИ ШАҲРИЮ НОҲИЯВӢ МЕБОШАД._**



**_ДАНҒАРА._** Бо иштироки васеъи аъзои фаъоли ташкилоти ибтидоии "АСИН" семоҳаи аввали соли 2022 натиҷагирӣ карда шуд. Котиби ташкилот Мавҷуда Довудова аз рафти фаъолияти ташкилот дар давраи семоҳа ҳисобот дода, вобаста ба масъалаҳои баррасигардида аъзои ташкилот қарорҳои дахлдор қабул намуданд. Баъдан Каримзода Пирмуҳаммад Авғон, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара фаъолияти ташкилоти ибтидоиро дар семоҳаи аввали соли 2022 қаноатбахш ҳисобида, доир ба масъалаҳои роҳнамо барои ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, роҳнамо барои сарбози ихтиёрӣ, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ суханронӣ намуд.



**_НОРАК._** Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак, суҳбату вохӯриҳо бо усули хона ба хона доир ба истифодаи самараноки замин ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Муслима Ғуриева, намояндаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак ба сокинон оид ба пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, истифодаи самараноки неруи барқ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ, истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигӣ, инчунин даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ сухан гуфт.



**_МУЪМИНОБОД._** Тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод доир ба гузаронидани маҷлисҳои семоҳа аз фаъолияти ташкилотҳои ибтидоӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Кӯчаи Ҷавонон" маҷлиси ҳисоботӣ доир карда шуд.

Дар маҷлис муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи мазкур, роҳбари ташкилоти ибтидоӣ, аъзо ва дигар кормандони ташкилот иштирок доштанд. Зимни маҷлис раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Кӯчаи Ҷавонон" дар бораи натиҷагирӣ аз фаъолияти ташкилоти ибтидоӣ дар давраи семоҳаи аввали соли 2022 ҳисобот дода, қарорҳои дахлдор барои фаъолияти минбаъдаи ташкилот қабул карда шуд.



**_ҶАЙҲУН._** Бо мақсади тақвият бахшидани корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотӣ миёни хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Ҷайҳун ҷиҳати иштироки фаъолона дар озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм фурӯғи маърифат" ва "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" бо иштироки масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи мазкур ва ҳамбастагӣ бо кормандони бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳия бо омӯзгорон ва таълимгирандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ҷамоати деҳоти Панҷ вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ масъулин оид ба аҳамияти иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, риояи пӯшидани либоси ягонаи мактабӣ сухан гуфтанд.

**_ЛЕВАКАНТ_**

Дар ташкилоти ибтидоии "АДСИН"-и шаҳри Левакант бо иштироки масъулини Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҲХДТ маҷлиси семоҳа оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидоӣ баргузор гардид.

Дар маҷлис котиби раиси ташкилоти ибтидоӣ доир ба фаъолияти семоҳаи ташкилот ҳисобот дода, қарорҳои лозимаро қабул намуданд.

Зимнан, масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ, аъзошавии шахсони масъулиятнок ба сафи ҳизб, ҳифзи дастовардҳои замони истиқлол, ҳифзи арзишҳои миллӣ изҳори андеша намуда, қайд карданд, ки ба кори ҳизбии ташкилоти ибтидоӣ диққати ҷиддӣ дода, дар чорабиниҳо, ба хусус дар аксияҳо ва ҳашарҳои ҳизбӣ фаъолона ширкат намоянд.

**_ДӮСТӢ_**

Дар моҳи шарифи Рамазон аз тарафи масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ ба як оилаи маъюб кумаки яквақтаи моддӣ расонида шуд.

Тоспочо Зайналова, сокини деҳаи Абдураҳмони Ҷомии ҷамоати деҳоти Гарди Гулмуродови ноҳияи Дӯстӣ соҳиби ду духтар буда, ҳардуи онҳо маъюб ҳастанд ва ниёз ба дастгирӣ доранд.

Тоспочо новобаста аз он, ки худ ранҷур аст, ин ду духтари маъюбро тани танҳо бе падар парасторӣ карда истодааст.

**_ШАҲРИТУС_**

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Маркази тропикӣ" маҷлиси ҷамъбасти фаъолияти семоҳаи якум бо иштироки масъулини КИ ҲХДТ дар ноҳия, ширкати фаъолонаи аъзои ташкилот доир шуд.

Дар маҷлис раиси ташкилоти ибтидоии мазкур оид ба фаъолияти семоҳаи аввали соли 2022 ҳисобот дода, қарорҳои дахлдор қабул намуданд.

Зимнан масулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритус доир ба таҳкими ҳаракати аъзои ҳизб, қабул, бақайдгирӣ ва ҳамчунин оид ба дигар масъалаҳои пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни террористӣ-экстремистӣ, ҷалби ҷавонон ба сафи хизмати ҳарбӣ изҳори андеша намуданд.



**_ВАХШ._** Бо иштироки мудири шуъбаи таблиғот ва иттилооти КИ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Вахш дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ"-и ноҳия маҷлиси ҳисоботӣ оид ба фаъолияти семоҳа дар соли 2022 доир карда шуд.

Дар маҷлис раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии мазкур оид ба фаъолияти ташкилоти ибтидоӣ дар давраи семоҳаи аввали соли 2022 ҳисобот дода, қарорҳои дахлдор барои фаъолияти минбаъдаи ташкилот қабул карда шуданд.



**_БАЛҶУВОН._** Дар ташкилоти ибтидоии "Ҷамоати деҳоти Сари Хосор" маҷлиси ҷамъбасти семоҳаи аввал бо иштироки масъулини КИ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия ва аъзои ташкилоти ибтидоии мазкур баргузор гардид.

Маҷлис бо баррасии масъалаҳои ҷамбасти фаъолият дар семоҳаи якуми соли 2022 ва нақшаҳо барои давраҳои оянда, таҳкими ҳаракати аъзои ҳизб-қабул, бозхонд, бақайдгирӣ ва хориҷ намудани аъзо ва масъалаҳои ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни террористӣ-экстремистӣ доир гардид.



**_ФАРХОР._** Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Маҳаллаи №10" маҷлиси ҷамъбасти семоҳаи аввал баргузор гардид. Дар рафти маҷлис раиси ташкилоти ибтидоии мазкур доир ба се моҳи фаъолият ҳисобот дода,аъзои ташкилот қарорҳои дахлдор қабул намуданд. Зимнан намояндаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фархор дар бораи ҳаракати аъзои ҳизб суханронӣ намуда, баъдан оид ба мақсаднок истифодабарии неруи барқ ва пардохти саривақтии маблағи ҳаққи истифодаи барқ, пешгирӣ аз паҳншавии бемории коронавирус ва самаранок истифодабарии заминҳои наздиҳавлигӣ низ изҳори андеша намуд.



**_А.ҶОМӢ._** Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "ҲАҚИҚАТ"-и ҳудуди ҷамоати деҳоти Иттифоқи ноҳия ҷамъбасти фаъолияти кории ташкилот дар семоҳаи якуми соли равон доир гардид. Дар маҷлиси мазкур раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Муҳаммаддовуд Ҳалимзода, муовини раиси ноҳия Абдухолиқ Мусозод, мудири бахши ҷавонон ва варзиши ноҳия Саидҷон Муъминов ва раиси ташкилоти ибтидоӣ Саид Насриддинов иштирок ва баромад намуданд.

Баромадкунандагон зимни суханрониашон фаъолияти семоҳаи ташкилоти ҳизбиро қаноатбахш муаррифӣ намуда, зимнан вобаста ба расонидани мӯҳтавои Паёми Пешвои миллат, вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон, даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, истифодаи самараноку оқилонаи ҳар ваҷаб замини наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон изҳори андеша карданд.

# ЧОРААНДЕШИҲО АЗ ТАҲДИДИ ЯК ОФАТ



***Дар баъзе шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз хурӯҷи малахи марокашӣ изҳорӣ нигаронӣ доранд. Бо мақсади пешгирӣ аз хурӯҷ ва мубориза бар зидди ин ҳашароти зараровар имрӯзҳо филиали Экпедитсияи мубориза бар зидди малах дар вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва сокинони маҳал кор бурда истодаанд.***



Бо фарорасии фасли баҳор дар баробари тараддуди кишту кор ва ҷамъоварии ҳосили маҳсулоти барвақтӣ хоҷагидорон аз офатҳои табиӣ изҳори нигаронӣ доранд. Ба хусус, дар ин шабу рӯз дар марзҳои сарсабзу зироатҳои дар ҳоли нашъунамо қарордоштаи минтақаҳои гуногуни вилоят хурӯҷи малах ташвишовар мебошад.

**ИЛОҶИ ВОҚЕА ПЕШ АЗ ВУҚӮЪ**

Маҳмадҷон Маҳамадназаров, сокини деҳаи Лолазори ҷамоати деҳоти Машъали ноҳияи Вахш мегӯяд, ки тайи солҳои охир баъзан бо хурӯҷи малах дар ҳудуди деҳаи онҳо зироатҳо талаф ёфта, кишоварзон имконияти ҳосили хуб гирифтанро аз даст медиҳанд.

– Дар солҳои қаблӣ ин ҳашарот дар моҳҳои май, наздик ба пухта расидани ғалладонагиҳо хуруҷ карда, ба зироат наонқадар таъсири манфӣ расонида метавонист. Аммо бинобар гарм омадани зимистони имсола малах барвақт хуруҷ кардааст, ки дар сурати пешгирӣ накардан метавонад ба зироати киштаи мардум таъсири ҷиддӣ расонад, – мегӯяд Маҳмадҷон Маҳмадназаров.

Бахри безараргардонии ин ҳашароти зиёновар сокинони маҳал, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кормандони филиали Экпедитсияи мубориза бар зидди малах дар вилояти Хатлон дар минтақаҳо кор бурда истодаанд.

Ҳамасола аз ҷониби буҷети ҷумҳурӣ маблағҳо ҷудо шуда, аз сатҳи ҷумҳурӣ сар карда, то сатҳи шаҳру ноҳияҳо ситодҳо ташкил мегарданд ва чораҳои пешгирию мубориза бар зидди ин ҳашароти зиёновар анҷом дода мешавад.

**МИНТАҚАҲОИ ТАШВИШОВАР**

Ба гуфтаи Саид Холов, муовини сардори филиали Экпедитсияи мубориза бар зидди малах дар вилояти Хатлон, имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ, Фархор, Данғара, Вахш, Ҷалолиддини Балхи, Ҷайҳун хурӯҷи малах бештар мушоҳида мешавад. Дар дигар минтақаҳо бошад, пайдоиши он нисбатан камтар ба назар мерасад.

– Ин ҳашароти зараровар аз малахҳои маъмулӣ фарқиятҳои куллӣ дошта, дар шароити сармову гармо ниҳоят тобовар мебошад. Селаи малахи марокашӣ то 5 километр парвоз намуда, майдони боғу заминҳои сарсабзро дар як фурсати кӯтоҳ пурра хазон менамояд. Яке аз сабабҳои асосии хурӯҷи малах мавзеъҳои наздисарҳадии кишвари мо бо Ҷумҳурии Афғонистон аст, ки бинобар сабаби ноором ии вазъи кишвари ҳамсоя дар ин минтақаҳо корҳои безараргардонӣ мақсаднок роҳандозӣ намешавад, – иброз медорад Саид Холов.

Тавре масъулини филиали Экспедитсияи мубориза бар зидди малах дар вилояти Хатлон иттилоъ доданд, дар чорандешиҳои мубориза бо ин ҳашароти зиёновар ягон мушкилоте дар самти таъмини таҷҳизот ва захрхимикатҳо нест. Айни замон дар ҳамаи шаҳру навоҳии вилоят филиалҳои Экпедитсияи мубориза бар зидди малах фаъолият дошта, бахри пурзӯр намудани чораҳои пешгирӣ аз хурӯрҷи ин ҳашароти зараровар тамоми шароити заруриро муҳаё намуда истодаанд. Дар ин замина дар ноҳияҳое, ки хатари хурӯҷи малах бештар мушоҳида мешавад, қувваи бештари корӣ равона гардидааст.

**БЕХАТАРӢ ДАР МАДДИ АВВАЛ**

– Захрдоруҳое, ки бар зидди малах истифода бурда мешаванд, ба саломатии инсон низ таъсири манфӣ дорад, агар ҳангоми иҷрои корҳои безараргардонӣ қоидаҳои бехатарӣ ҷиддӣ риоя нашавад.

Бояд донист, ки пеш аз коркард омехта кардани захрдоруҳо дар назди обанбору ҷӯйҳо ва каналҳо мумкин нест. Захрдоруҳоро дар ҷойи махсус бояд нигоҳ дошт ва зарфҳои холишуда барои истифодаи хӯрокию нӯшокиҳо қатъиян манъ аст. Аз ин лиҳоз, ба гуфтаи масъулини филиали Экспедитсияи мубоиза бар зидди малах дар вилояти Хатлон дар минтақаҳои истифодаи захрхимикатҳо мо зарфҳои доруворирo сӯзонда ё дар замин гӯр мекунем. Ҳамзамон, анбори захрхимикатҳо бояд аз манзили истиқоматӣ ва маҳсулотҳои хӯрокворӣ дур нигоҳ дошта шавад. Ҳамчунин, нафарони ба безараргардонии малах сафарбаршуда қоидаҳои бехатарии дорупошӣ омӯзонида мешаванд ва онҳо барои иштирок дар амалиёти дорупошӣ бо сару либоси махсус таъмин карда мешаванд.



Пеш аз иҷрои коркарди кимиёвӣ дар мавзеъҳои паҳнгаштаи малах, мо аҳолиро пешакӣ огоҳ менамоем, то муддати 20-25 рӯз чорвои худро ба ин чарогоҳ набароранд. Бо ин мақсад мутахассисони соҳа дар ҷойҳои паҳнгаштаи малах байрақчаҳои сурх ва дар ҷойҳое, ки коркарди кимиёвӣ гузаронида шудааст, байрақчаҳои сафед мегузоранд, то сокинон аз вазъияти чарогоҳҳо огаҳӣ дошта бошанд, – иброз медорад Саид Холов.

Мавриди зикр аст, ки айни замон давраи афзоиши малах оғоз гардида, хатари он ба табиат зиёд мебошад. Масъулинро мебояд, ки ҷиҳати пешгирӣ аз хуруҷи малах дар минтақаҳои гуногуни вилояти Хатлон тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд, то хисороти бештар ба бор наояд.

***Аҳлиддини Мубораккшоҳ,***
***“Ҳамрози халқ”***

## Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз



Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.sinoptic.com

| 14 АПРЕЛ | 15 АПРЕЛ | 16 АПРЕЛ | 17 АПРЕЛ | 18 АПРЕЛ | 19 АПРЕЛ | 20 АПРЕЛ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| +17° +31° | +17° +32° | +17° +32° | +16° +33° | +18° +31° | +17° +28° | +19° +28° |

**Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.**

# САМАРАИ ТАШАББУСИ ҲИЗБӢ ДАР МАҲАЛ



**Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои расидан ба зиндагии шосита пайваста ташаббусҳои тоза ва созандаро рӯйи кор меорад. Масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён бо мақсади соҳибкасб намудани духтарон дар бинои маъмурии кумитаи иҷроия омӯзиши ҳунари дӯзандагиро бароҳ мондаанд, ки афроди ниёзманд ва дигар духтарон низ ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд.**



Масъулини ҳизб як ҳуҷраро бо 16 мошинаи дарздӯзӣ таъмин кардаанд, то ҳунарҳои дастӣ омӯзонида шаванд. Мадина Аланазарова, сокини ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлоли ноҳия бо қаноатмандӣ мегӯяд, ки бо дастгирии ҳизб соҳиби ҷойи кор ва маоши доимӣ гардидааст. Ду моҳ мешавад, ки ба духтарон ҳунари дӯзандагиро меомӯзонад.

"Мо матоъҳои ниёзмандонро ройгон ва аз дигар нафаронро бо нархи нисбатан арзон медӯзем. Инҷо духтарон низ ройгон ҳунар меомӯзанд. Ин ташаббуси ҳизбӣ алоқамандони омӯзиши ҳунари дӯзандагиро бештар намуд", – мегӯяд Мадина Аланазарова.

Алъон 8 нафар духтарон ба ҳунаромӯзӣ ҷалб гардида, либосҳои гуногун, аз қабили чакану попурӣ ва дигар либосҳои маъмулӣ медӯзанд. Аланазарова, мегӯяд, ки ҳунар доштану нафареро ҳунарманд намудан, кори савоб аст. Дар шароити кунунӣ бояд духтарон касб ё ҳунаре дошта бошанд. Касби дӯзандагӣ барои ҳар бону лозим мешавад.

"Ман худам дар деҳа зиндагӣ мекунам, мардуми зиёд либосҳояшонро барои духтан меоранд. Дар хона нишаста пул кор мекунам. Дар шаҳр ё марказҳои ноҳия сехҳои дӯзандагӣ зиёд аст, аммо дар деҳаҳо нест", – ироа дошт М. Аланазарова.

Ҳунар сармояест, ки онро иваз кардану харидорӣ кардан ғайриимкон аст. Танҳо дар натиҷаи заҳматҳои зиёди шабонарӯзӣ шахс метавонад ҳунар ё касберо аз худ намояд. Шахси ҳунармандро дар ҷомеа бо ҳунараш мешиносанду қадр мекунанд.

Ойиша Фақирова, 19 сол дорад. Матоъдӯзии модаршро дида, завқи дӯзандагӣ дар дилаш пайдо шуд. "Модарам хабардор шуд, ки дар бинои ҳизб омӯзиши ҳунарҳои дастӣ ташкил шудааст ва маро ба инҷо овард. Ду моҳ мешавад, ки дар инҷо ҳунар меомӯзам. Аллакай чанд куртаи аҳли хонавода ва ҳамсояҳоро дӯхтам. Ин касб оянда дар зиндагиямон лозим мешавад. Ҳоло ки ҷавон ҳастам, мехоҳам ҳунар омӯзам", – гуфт О. Фақирова.

Масъулини Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён гуфтанд, ки оянда шумораи мошинаҳои дарздӯзиро зиёд карда, алоқамандонро ба ҳунаромӯзӣ ҷалб менамоянд.

***Сабрина САЛИМОВА,***
***Таҷрибаомӯзи***
***«Ҳамрози халқ»***

# АЗ КИШОВАРЗӢ ТО АГРОБИЗНЕС

**Дар вилояти Хатлон даҳҳо деҳқонзан маблағҳои имтиёзноки шарикони рушдро самаранок истифода бурда, то ҳаде дар арсаи кишоварзӣ муваффақ шудаанд. Онҳо мегӯянд, ки корашонро аз кишоварзӣ оғоз карда, акнун ба агробизнес гузаштаанд. Яъне маҳсулоти хешро коркард ва басту банд карда, бо нархи нисбатан хуб дар бозорҳо мефурӯшанд ва бадин васила иқтисодиёти хонаводаашонро боло мебаранд.**



## ҚИССАИ ХОЛАИ САОДАТ

Саодат Бабалова, деҳқонзани муваффақ аз ҷамоати деҳоти Худойназар Холматови ноҳияи Шаҳритус аст. Ӯ роҳбари хоҷагии деҳқонии "Иномҷон" буда, беш аз 10 сол мешавад, ки бо аҳли хонаводааш кишоварзӣ мекунанд. Мегӯяд, ки имрӯз бо дастгирии шарикони рушд ба зинаи нави тиҷорат, яъне коркарди маҳсулот роҳ пайдо карданд.

Хоҷагии деҳқонии "Иномҷон" як гектару 12 сотих буда, дар як қисми он маҳсулоти гуногун, аз ҷумла помидору бодиринг, қаламфури ширин, бойимҷон ва дар қисми дигар ғаладонагиҳо кишт карда мешавад. Инчунин, дар гирду атрофи замин ниҳолҳои мевадиҳандаи зардолую олуча, гелосу слива ва амсоли инҳо шинонида шудааст.

Саодат Бабалова мегӯяд, ки то соли 2019 барои дастрас кардани нуриҳои азотӣ, тухмиҳои хушсифати сабзавот, полезӣ, ғаладонагиҳо, инчунин, саривақт супоридани андозу пули об аз бонкҳо бо фоизҳои баланд қарз мегирифт ва баъди ҷамъоварии ҳосил маблағи бонкҳоро бармегардонд.

"Минтақаи мо зиёд гарм аст, дар ҳавои гарм ҳамроҳи келину фарзандонам заҳмат мекашидем, ҳосилро бо нархи арзон дар бозори ноҳия мефурӯхтем ва фоидаамон он қадар хуб набуд. Барои оилаи худмон ҳудуди 200 зарф консерва тайёр мекардем. Мехостам қисми зиёди ҳосили заминамро консерва карда, дар мағозаю тарабхонаҳо фурӯшам, аммо аз сабаби камбуди пул дар ин ҷода муваффақ намешудам", – ироа дошт С. Бабалова.

## ҚАРЗИ БОНК САОДАТРО БА РУСИЯ БУРД

Саодат Бабалова 59-сола буда, соҳиби 3 фарзанд мебошад. Ба нақли худаш, соли 2014 барои кори кишоварзиаш аз бонки "Ҳумо" 3 ҳазор доллари амрикоӣ қарз гирифтаст. Боварӣ дошт, ки баъди ҷамъоварии ҳосили замин қарзро муваффақона бар мегардонад. Он вақт як писараш дар хизмати ҳарбӣ буд. Ҳамроҳи келин ва ду фарзандаш кори заминро пеш мебурданд. Бо сабаби номусоид омадани обу ҳаво ҳосил намешавад ва имкони пардохти қарзи бонкро аз даст медиҳад. Ин қарз холаи Саодатро маҷбуран ба Русия мебарад.

"Хешу таборам дар шаҳри Москва ошхона доранд. Дар онҷо давоми як солу 3 моҳ ҳамчун ошпаз кор карда, қарзи бонкро супоридем. Дар шароити кунунӣ кишоварзиро бидуни ҳамкорӣ бо бонкҳо пеш бурдан хеле душвор аст".

Дар ноҳияи Шаҳритус хонаводаи Бабаловҳо аз ҷумлаи оилаҳое мебошад, ки бо меҳнати ҳалол рӯзгорашонро пеш мебаранд. Дар баъзан маврид писаронаш ба муҳоҷирати меҳнатӣ намераванд. Дар чунин ҳолат замин ягона манбаи даромадашон дониста мешавад.







## КОМЁБИИ ХОЛАИ САОДАТ

Мусоҳиби мо 7 сол мешавад, ки дар омӯзишҳои шарикони рушд, ки дар самти кишоварзӣ деҳқононро дастгирӣ мекунанд, иштирок карда аз навгониҳои соҳа бохабар мешавад. Соли 2019 як семинари омӯзишӣ сабаб шуду ӯ барои гирифтани қарзи имтиёзнок ба Фонди қарзии хурди "Чилучор Чашма" роҳ пайдо кард.

"Маблағи кофӣ надоштам, ки аз ҳосили маҳсулоти киштаам консерва ва нӯшокӣ омода кунам. Қисме аз маҳсулоти заминам мепусид. Хушбахтона бо кумаки фонди қарзии хурди болозикр дар самти истеҳсол ва коркарди маҳсулот то ҳаде дастболо шудем. Соли 2021 ҳудуди 15 ҳазор сомонӣ қарз гирифта, 1000 зарфи консерва ва нушокӣ тайёр кардам, ки арзиши яктои он ба ҳисоби миёна 18 сомониро ташкил медиҳад. Дар мавсими омодакунии консерва 5 зани хонашинро ба кор ҷалб кардам. Акнун ман аз кишоварзӣ ба агробизнес ворид шудам. Яъне маҳсулотро коркард карда, бо нархи нисбатан хуб ба фурӯш мебарорам. Ҳаминтавр даромади иқтисодии оилаам афзун шуда истодааст", – мегӯяд С. Бабалова.

## ФОНДЕ, КИ БА РУШДИ СОҲИБКОРӢ КУМАК МЕКУНАД

Дар ноҳияиҳои Қубодиёну Шаҳритус ва Носири Хусрави вилояти Хатлон соли 2005 Фонди қарзии хурди "Чилу Чорчашма" фаъолияташро оғоз карда, барои рушди соҳибкории занону ҷавонон бо 1,8 фоиз қарзи имтиёзнок медиҳад. То ба имрӯз деҳқонзанони зиёде аз ин имконият истифода бурда, корашонро равнақ бахшидаанд.

## ТАСМИМИ НАВБАТӢ

Қаҳрамони мо Саодат Бабалова илова кард, ки соли 2020 бо дастрас кардани қарзи имтиёзнок як сар чорвои калон харидорӣ карда, ҳоло шумораро ба 3 сар расонидааст. Дар як рӯз аз ду тои онҳо қариб 20 литр шир ҷӯшида, як литри онро 4 сомонӣ мефурӯшад. Ният дорад, ки дар минтақа истеҳсоли қурутро бароҳ монад. Барои дастрас кардани таҷҳизот бари коркарди қурутҳои хушсифат ба Лоиҳа оид ба рақобатпазирии агробизнес дар Тоҷикистон муроҷиат кардааст.

***Амонҷон Муҳиддинов,***
***«Ҳамрози халқ»***

# НИЁЗМАНДИҲОИ ИНФРАСОХТОРИ САЙЁҲӢ




**Бо назардошти моҳияти рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишварамон ва татбиқи ҳадафҳоиояндасози Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешрафту тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд.**



Дар ин замина, бо мақсади содда кардани шароити сармоягузорӣ, рушду эҳёи ҳунарҳои миллӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои тараққиёти гуногун ва гузоштани гомҳои устувор дар марҳилаи аввали рушди соҳаи сайёҳӣ дар мизони андозу гумруки кишварамон имтиёзҳои зиёд муқаррар гардид. Баъдан, Роҳбари давлат дар Паёмиояндаашон иброз доштанд, ки "барои бунёди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани даҳҳо ва садҳо ҳазор ҳунармандони соҳибкасб ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ 1 сол басанда нест. Ба ҳамин хотир барои рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд". Ҳамин тавр, бо назардошти он ки 73 % аҳолии кишварамон дар деҳот зиндагӣ дошта, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои пешгирифта вақт ва имтиёзҳои иловагӣ лозим аст, бо иқдоми навбатии Пешвои миллат солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардид. Ин иқдоми дурбинона ба рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии таъриху фарҳанг, табиати зебои кишвар, расму анъанаҳои миллӣ, рушди хизматрасониҳои гуногун ва дар умум ба беҳбудии сатҳи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Маҳз дар ин давра дар самти пешрафту ободонии кишварамон, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, бунёди инфрасохтори соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини сокинон бо оби босифати нӯшокӣ таъмиру азнавсозии роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Вале дар баробари ин ҷиҳати ҷавобгӯи меъёрҳо ва талаботи сайёҳон фароҳам намудани шароитҳо бояд корҳои зиёдеро анҷом дод, то меҳмонону сайёҳони хориҷӣ аз истироҳату тамошои мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон бо таассуроти хуб баргарданд.

Мирзомурод Шарифов, як тан аз ронандагони нақлиёти мусофирбари хатсайрҳои Бохтар- Шаҳритус-Носири Хусрав, Бохтар-Кӯлоб- Муъминобод иброз медорад, ки илова ба таъмири роҳу бунёди инфрасохтори гуногуни соҳаи сайёҳӣ, хуб мешуд дар масофаи ҳар 50 километри шафати шоҳроҳҳо иншооти гигиенӣ (ташноб) ва дигар иншооти хизматрасонӣ бунёд намуд.

Мутаассифона, то имрӯз бинобар муҳайё набудани чунин шароит дар хатсайри Бохтар-Кӯлоб мусофирон дар зарурият аз иншоотҳои гигиении ҳудуди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ё дигар иншооти шафати роҳ истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки дар баробари ташкили иншоотҳои гигиенӣ, ҳамчунин истгоҳи мусофирон дар масофаи ҳар 50-100 километр, кушодани мағозаву дӯконҳои фурӯши дастранҷҳои ҳунармандон лозиму ҳатмист, то меҳмонону сайёҳон имкониятҳои бештари хариду дастрасӣ ба армуғонҳои миллиро дошта бошанд.

Ба гуфтаи Мирзомурод Шарифов дар радифи иқдомҳои ободониву ороиши мавзеъҳои фарҳангиву маишии шафати шоҳроҳҳои бузург, бояд ба фарҳанги зиндагӣ ва маърифатнокии сокинони деҳу рустоҳои атрофи он таваҷҷуҳ намуд, то зимни муомилаву гуфтугӯ бо сайёҳони аз дуру наздик муаррифгари арзандаву мояи обрӯйу ифтихори Тоҷикистон бошанд. Аз асарҳои оламафрӯзу сафарномаҳои мондагори шоирону бузургони илму адаб бармеояд, ки сайру ҷаҳонгардӣ аз анъанаҳои неку қадимии инсоният ба ҳисоб рафта, сайёҳон аз сафар ба кишвари мо муҳимтар аз армуғонҳои миллӣ, диду мушоҳидаҳои худро мебаранд. Меҳмонони хориҷӣ бо таваҷҷуҳ аз гуфтору рафтори мардуми мизбон оид ба маданияту сатҳи зиндагӣ, афкору ахлоқ, урфу анъанаҳои миллии мо огаҳӣ пайдо мекунанд.

Дигар аз масъалаи мавриди нигаронӣ дар самти рушди инфрасохтори сайёҳӣ ин дар сатҳи начандон хуб қарор доштани хизматрасониҳои гуногун дар меҳмонхонаҳои шаҳру навоҳии вилоят арзёбӣ мегардад. Дар ҳоле, ки давоми чанд соли амалӣ шудани иқдомҳои созандагӣ дар самти рушди сайёҳӣ даҳҳо меҳмонхонаву мавзеъҳои саёҳатбоб ободу азнавсозӣ шудаанд, аммо аз сатҳи сарулибоспӯшӣ, забондониву фарҳанги муошират ва дигар меъёрҳо мудирону мизбонони меҳмонхонаҳо ба бозомӯзӣ ниёз доранд. Зеро меҳмону сайёҳони хориҷӣ дар симои ҳатто одитарин кормандони муассисаҳои хизматрасонӣ намояндаи кишвари мизбон ва маданияту ахлоқи ҷомеаи онро мебинад. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд кормандону хизматчиёни меҳмонхонаву дигар муассисаҳои воқеъ дар шафати шоҳроҳҳои кишварро бо сару либоси атласу адрас ва чакану дигар абзори дорои рамзҳои миллӣ бубинем.

Тавре зимни пурсишҳои иҷтимоӣ маълум гардид, аз 19 адад меҳмонхонаҳои ҳудуди шаҳри Кӯлоб ҳамагӣ дар ду меҳмонхона мудирону хизматчиёнаш донандагони забони англисӣ мебошанд, ки бо сайёҳону меҳмонони хориҷӣ бо лисони онон метавонанд суҳбат намоянд. Биноан, масъулони меҳмонхонаҳоро мебояд, ки бо истифода аз имкониятҳои васеи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар кишварамон, кормандони худро ба забономӯзӣ фаро гиранд.

Ҳамзамон, фароҳам набудани имкониятҳои ташкили "Фитнес клуб" ва "Маркази истироҳат ва солимгардонӣ" аз дигар камбудиҳо дар самти бунёди инфрасохтори сайёҳӣ арзёбӣ мегардад, ки зимни таҳияи лоиҳаҳои меҳмонхонасозӣ ба инобат гирифта нашудааст. Пӯшида нест, ки бештари сайёҳони хориҷӣ дар меҳмонхонаҳое қарор гирифтан мехоҳанд, ки дорои ҳамин гуна хизматрасониҳо бошанд.

*"Тоҷикистони биҳиштосои мо сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, боду ҳаво, манзараҳои табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, ҳайвоноту наботот ва урфу анъанаҳои мардумӣ дар олам нотакрор ва макони беҳтарини сайру саёҳат мебошад"*

*(Аз Паёми Президент)*

Дигар аз талаботҳои сайёҳону меҳмонони хориҷӣ дар интихоби меҳмонхонаҳои дорои шароитҳои бароҳат ин таъмини хӯроку нӯшокиҳо дар ҳуҷра ва таъмини шароити мусоид барои меҳмонони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад, ки мутаассифона 90 дарсади меҳмонхонаҳои шаҳри Кӯлоб ин зарфиятҳоро надоранд. Мусаллам аст, ки бештари сайёҳони хориҷӣ то расидан ба фурудгоҳи кишвари мизбон меҳмонхонаеро фармоиш мекунанд, ки хизматрасонии қабули муштарӣ аз фурудгоҳ то меҳмонхонаро дошта бошад. Аммо аз натиҷаи пурсишҳои инфиродӣ бо мудирони меҳмонхонаҳои шаҳри Кӯлоб бармеояд, ки то ҳол чунин хизматрасониро роҳандозӣ накардаанд.



Дар ҳоле, бо ташаббуси бевоситаи Роҳбари давлат вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ иқдомҳои ҷиддӣ гирифта шуда истодааст, моро мебояд, ҷиҳати ташаккули фарҳанги меҳмондорӣ ва фароҳам овардани шароитҳои бароҳати истироҳату фароғати сайёҳони дохилу хориҷ аз кишвар, камбудиҳои дар боло зикргардидаро бартараф намуда, хизматрасониҳои маиширо дар сатҳи муносиб ба роҳ монда, аз соҳаи сайёҳӣ, ки дар ҷаҳон баъд аз нафту маводи доруворӣ сеюмин соҳаи даромаднок ба ҳисоб меравад, суди бештар ба даст биёварем.

Бо ин мақсад Тоҷикистон аввалин шуда дар Осиёи Миёна низоми электронии дастрас намудани раводидро ҷорӣ намуда, барои сайёҳони хориҷӣ имкон фароҳам овард, ки аризаи электрониро пур карда, бе ҳозиршавӣ ба консули Тоҷикистон дар хориҷа раводиди электрониро ба муддати 90 рӯз ба даст оварда, пас аз ворид шудан 45 шабонарӯз дар қаламрави Тоҷикистон, будубош намоянд. Бо ин иқдоми хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи сайёҳии кишвари мо ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ё низоми байналмилалии сайёҳӣ пайваста, ҷиҳати ба иқтисоди даромадноки Тоҷикистон табдил додани бахшҳои афзалиятноки соҳаи сайёҳӣ имкониятҳо фароҳам гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, шароиту имкониятҳо ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи мазкур беҳтарин фурсат барои соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ ба ҳисоб меравад, ки бо бунёди иншооти гуногуни сайёҳӣ ва муаррифии арзандаи фарҳангу маданияти халқу ватани хеш дар рушду ривоҷи самтҳои афзалиятноки сайёҳӣ дар кишвар ҳиссагузор бошанд.

*Ҷамолиддин УСМОНИЁН,*
*"Ҳамрози халқ"*

# ДАРСИ ВАТАНДОРӢ АЗ МАКТАБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавон мебошад. Дар маҷмӯъ мо бояд он қолабҳои кӯҳнаи шахшудаи фикриро дар бораи гурезонидани фарзандон аз хизмати ҳарбӣ шиканем ва онро ҳамчун мояи нангу номус баррасӣ карда, падару модаронро ҷиҳати ташвиқи фарзандон барои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар дилгарм созем.

Айни ҳол маҳорати ҷангӣ ва қобилияти касбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, дар муқоиса бо солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ ба неруи тавоное табдил ёфтааст. Ҷавонони мо, ки оиндаи миллати сарбаландамон мебошанд, бояд донанд, ки ватандориву ватандӯстӣ, расидан ба қадри сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи осудагиву оромии он барои ҳар як фарзанди бонангу номуси миллат ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

Дар ин самт бояд идеали мо хизматҳои содиқонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бошад. Ҳар як тадбир ва корнамоиву қаҳрамониҳои Пешвои миллат ба ҷавонони кишвар дарси шуҷоату мардонагӣ буда, дарки баланди инсондӯстӣ ва муносибати хуби одамгариро меомӯзонад. Дар ин раванд муаррифӣ ва тарғиби асарҳои эҷодкардаи Пешвои миллат барои аз худ намудани таърихи гузаштаву имрӯза, ворид шудани ҷавонон ба набзи ҳаёт, оиндабинии давлату миллат ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насл мусоидат менамояд.

Ҳар як ҷавони имрӯза хуб медонад, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Пас на танҳо дар забон, балки дар амал тамоми неруи худро ба он равона созем, ки дар кору пайкори ҳаррӯзаи худ пайравони воқеии Пешвои миллат бошем. Набояд фаромӯш кард, ки Ватани азизи мо-Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун хонаи умеди тамоми тоҷикони ҷаҳон сарзаминест, ки аз он бӯи хоки ниёгон ба машом мерасад. Ин сарзаминест, ки зану фарзанду модару хоҳар ва додару дигар пайвандонамон зиндагӣ мекунад. Сарзаминест, ки муҳофизати он на танҳо вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ, балки қарзи инсониву имонӣ ва виҷдониамон маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ роҳи наҷоти миллат аз хатарҳои эҳтимолии замони муосир мебошад. Муҳимтарин силоҳ барои ҳар як ҷавону наврас, ки аз ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат бармеояд, ифтихори миллӣ, зиракӣ ва ҳушёрии сиёсӣ мебошад. Мебояд имрӯз ҷавонони мо дар рӯҳияи садоқат ба Президент-садоқат ба Ватан, самимият ба Президент-самимият ба миллат ва арҷ гузоштан ба ташаббусҳои Президент –арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия карда шаванд.

***ИБРОҲИМЗОДА Неъматулло,***
***раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ***
***дар шаҳри Бохтар***

# ТАРБИЯ МАСЪУЛИЯТИ ҶИДДӢ МЕХОҲАД

**Оила дар ташаккули шахсияти инсон мавқеи марказӣ дошта, ҳамчун ячейкаи аввалини ҷамъият ба ӯ ҳаёт мебахшад. Аз ин рӯ, падару модар ҳарду баробар вазифадоранд, ки то дар тарбияи фарзандон ба саҳлангорӣ роҳ надиҳанд. Оилаҳои муосир аз оилаҳои пешин аз рӯи камфарзандӣ фарқ мекунанд. Тарбияи яккаписар ё яккадухтар нисбатан мушкилтар аст нисбати тарбияи чандин фарзанд.**



Новобаста аз он, ки модарон низ дар корҳои ҷамъиятӣ фаъоланд, бояд пайваста раванди донишандӯзӣ ва хулқу атвори фарзандонро зери назорати доимӣ дошта бошанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» чунин дарҷ гардидааст, ки оила вазифадораст бачагонро дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида тарбия намояд, онҳоро ба меҳнат одат кунонад, нисбати саломатии онҳо бетараф набошад, барои соҳибмаълумот гаштани онҳо тамоми шароитро муҳайё созад.

Занону шавҳарон, падару модарони оянда маҳз дар мактаби оила рушд меёбанд. Яъне, оила мактаби хоси маънавӣ ва психологӣ ба шумор меравад. Кӯдакон тез калон мешаванд, онҳо дар симои падару модарони худ наздиктарин дӯстро дидан мехоҳанд. Фарзандон чунин ақида доранд, ки калонсолон бо онҳо ҳамчун як шахси мустақилу бакамолрасида муносибат намоянд. Ба бачаҳо бояд омӯхт, ки волидон дӯстони беҳтаринанд ва онҳо метавонанд дар ҳама маврид роҳи дурустро нишон диҳанд.

Оила бояд дар ташаккули шахсият замина дошта бошад. Волидон тарзе бояд рафтор намоянд, ки барои фарзандон намунаи ибрат бошанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" омадааст: «Волидон ва шахсони онҳоро ивазкунанда вазифадоранд, ки барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созад». Ҳуқуқ ва қадру қиммати кӯдаконро ҳимоя намоянд. Фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, накӯкорӣ, раҳмдилӣ, муносибати эҳтиромона нисбат ба аҳли хонавода ва эҳтиром ба забони модарӣ ва дигар арзишҳои миллӣ тарбия намуда, ба фарзандон ҷиҳати гирифтани маълумот дар муассисаҳои давлатӣ мусоидат намоянд. Кӯдак дар оила аз ҳад зиёд ҳукмравоии волидонро намехоҳад аз ин лиҳоз, аз мустақилона рафтор кардан маҳрум мешаванд. Дар чунин ҳолат рушду камолоти маънавии кӯдак маҳдуд мегардад.

Аз сӯи дигар, кӯдаконро аз ҳад зиёд нозбӯ тарбия кардан камбудии дигари волидон аст ва ҳамаи нозукиҳои тарбияро ба инобат гирифта, калонсолонро мебояд, ки барои оиндаи ҷомеа насли комилу муваффақ, худшиносу худогоҳ тарбия намоянд. Дар ташаккули шахсият се раванд, хусусиятҳои биологӣ, муҳит ва тарбия нақши асосӣ дорад. Тарбия раванди муҳимест, ки тарбиятдиҳанда ба шуури тарбиятгиранда таъсир расонида, ӯро ба меъёрҳои ахлоқии ҷомеа ошно мегардонад.

Дар тарбияи наврасон ҳамкории волидон бо муассисаҳои томактабӣ ва мактаб бағоят зарур аст. Ҳамкориҳои мактабро бо волидон бояд густариш дод, зеро дар мактаб афроди кордону муваффақ ба камол мерасанд. Мактаб бидуни ҳимояву ҳамкории оилаҳо таъсири муассир нахоҳад дошт, аз ин рӯ, волидон бояд дар хона шароитҳои дарсхонии фарзандонро фароҳам биёранд. Раванди азхудкунии дарс дар шароити мусоид ба монанди мизу курсӣ нисбат ба нишастан болои кӯрпача беҳтар сурат мегирад. Зеро дар ҳолати дар курсӣ нишастани кӯдакон ҷараёни хун мӯътадил ҳаракат мекунад, аммо дар ҳолати дароз кашидан фишори хун ба майна зиёд мешавад, ки ин боиси эҳсоси дарди сар мегардад.

Падару модарон бояд фарзанд реҷаи муайяни корӣ тартиб диҳанд. Бемасъулиятии падару модар дар тарбияи кӯдак нохушиҳои зиёд дорад, аз ин лиҳоз, ҳамкории падару модар бо мактаб бояд зич буда, ин ду макони муқаддас дар тарбияи инсон ва ташаккули ҷомеа нақши муҳим мебозанд.

***Таҳмина АЛИЕВА,***
***омӯзгори Коллеҷи тиббии***
***давлатии шаҳри Бохтар***

# ТУТ ВА ФОИДАИ ОН

**Тут меваи маълум аст. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дувум тар аст ва бисёр ширинаш то дараҷаи дувум гарм аст.**



**ХУСУСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИ ТУТ**

Агар инро бихӯранд, дар бадан хуни солим пайдо мекунад, ба майнаи хушк рутубат мебахшад, гиреҳҳои узвҳои баданро мекушояд, ҳоли бади ҷигар ва сипурзро ислоҳ мекунад, баданро фарбеҳ мегардонад, боҳро меафзояд, чарбии гурдаро қувват медиҳад, пешобро меронад, дарунро мулоим менамоад, барои обила (нағзак) ва сурхича (сурхакон) дору мешавад.

Барғашро ба пучак ва монанди ин решҳо гузошта банданд, зуд онҳоро пазонида мекафонад.

35 грамм решаашро дар об ҷӯш дода, он обро бинӯшанд, кирмҳои кадудонаро (солитёрро) аз шикам хориҷ мекунад. Ҳамон миқдор решаашро дар 300 грамм об то чоряки об монда бичӯшонанд ва он обро бо шакар ё бо асал биёшоманд, барои хафа шудани гулӯ аз хӯрдани гиёҳи захрнок ва ё дигар заҳрҳо, девонагӣ, зот-ул-ҷанб (варами пардаҳои даруни сина), дарди камар ва дарди пушт, ки аз ҷамъ шудани хилти хом бошад, бағоят фоида дорад.

Агар барғашро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд ҳам, ҳамин навъ фоида дорад. Бо обе, ки дар он решаи тут ҷӯшонида шуда бошад, ғарғара кунанд, дарди гулӯи хафакунанда ва хаnозерро шифо мебахшад. Инро кӯфта, гузошта банданд ҳам, ҳамин гуна асар дорад. 28 грамм решаҳои борики онро дар об ҷӯшонида, 75 грамм анҷирро дар ним литр об то нисфи об мондан бичӯшонанд, баъд ҳардуро якҷо карда, бинӯшанд, хилти савдоро бошиддат дафъ мекунад. Агар решаи тутро дар об ҷӯшонида, он обро аз рӯ бирезанд, дарди дандонро таскин ва варамҳои калонро таҳлил медиҳад. Бо шилми тут даҳонро чайқонанд, яъне шилми онро дар даҳан бигардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад ва агар бимоланд, варамҳои бузургро мегардонад.

Оби решаи тутро, ки аз чок кардани он таровиш мекунад, 175 грамм гирифта, бо 25 грамм барги ток ва барги анҷири сиёҳ ва бо каме оби борон дар зарфе андохта, гирди сарпӯшашро ба хамир гирифта, то шашяки об мондан бичӯшонанд ва баъд бо он мӯйро бишӯянд, ранги пурқуввате мебошад барои сиёҳ кардани он. Инчунин барги шоҳтут бо барги ток ва барги анҷири сиёҳ дар об ҷӯш хӯрда бошад, барои мӯй ранг мешавад.

Барг ё пӯсти дарахти онро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳан гардонанд, дарди дандонро таскин медиҳад. Инчунин шилми тутро низ бихоянд, ҳамин асарро дорад.

Решаашро кӯфта, дар вақти ҳаммом кардан бо сирко даромехта, ба шаро (аллергия)-и кӯҳна ва решҳои карахшдори раддӣ гузошта банданд, шифо мебахшад.

Барғашро кӯфта, бо равғани зайтун сиришта, ба захмҳо ва сӯхтагии оташ бимоланд, нафъ дорад. Ва агар инро батанҳоӣ кӯфта гузошта банданд, обила ва решҳои аксари аъзои бадан ва инчунин қӯтури тару хушкро дафъ мекунад.

35 грамм оби барги тари тутро биёшоманд, заҳри ҷонварони заҳрнок ва аз ҷумла заҳри ғундаро аз бадан дафъ мекунад.

***Аз “Канзи шифо”***




*Занеро шавҳараш аз дунё гузашт ва барои рӯҳи ӯро шод кардан шабҳои ҷумъа ғизое омода мекард ва ба фарзанди ятими худ медод, то ба ҳамсояҳо расонад. Кӯдаки маъсум бо он ки аз он ғизои махсус бенасиб буд, онро ба ҳамсояҳо тақсим мекард ва бо оби даҳон ба хона бармегашт.*

*Шабе ҳангоми бурдани ғизо косаи сабри кӯдак лабрез шуд ва онро худаш хӯрд.*

*Он шаб зан шавҳарашро дар хоб дид, ки ба ӯ мегӯяд: "Танҳо ғизои имшабаат ба ман расид".*

*Зан аз хоб бедор шуд ва бо камоли шигифтӣ аз фарзандаш пурсид: “Дишаб ғизоро ба ки додӣ ва он шабҳои дигар низ ба ки медодӣ?”*

*Кӯдак дар ҷавоб гуфт: “Ман шабҳои гузашта ғизоро ба ҳамсояҳо медодам ва чун дишаб зиёд гурусна будам ва аз бӯи хуши ғизо оби даҳонам рафт, онро худам хӯрдам”.*

*Пас аз ин зан донист, ки беҳтарин кор барои рӯҳи шавҳараш ин аст, ки фарзанди ятими ӯро сер нигаҳ бидорад.*

*Гирдоваранда А.МИРЗОҚУЛОВА, аз саҳифаи фейсбукии дӯстон*

## Ҷавоби кроссворди ҳафтономаи №13



# КРОССВОРД

**ТАВАҶҶУҲ!!! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!**

***Ҳар нафаре, ки аввалин шуда кроссвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтономаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.***

***Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.***



**АЗ ЧАП БА РОСТ:**

**1.Кӯл, ибтидои дарёи Ғунд 3.Палоси намадин 5.Шоҳасари Бобоҷон Ғафуров 7.Давлат дар Африка 8.Номи бонк дар Тоҷикистон 9.Меваи ситрусӣ 13.Номи моҳи ҳаштум аз солшумории шамсӣ 14.Мавҷҳои электромагнитии бо чашм дарккунанда 15. Корбайъ 18. Ишкори дастшӯй 20.Асбоби мусиқии нафасӣ 21.Хӯроки асосии инсон 22.Қабилае, ки дар ҳолати кӯчманӣ ва нимкӯчманӣ зиндагӣ мекунад 23.Воҳиди муқовимат дар физика 24.Кӯмакрасон 26.Иншооти варзишии лижаронӣ 28.Реша, бех 30.Дарё дар ноҳияи Нуробод 32.Сарояндаи халқии Тоҷикистон 33.Поя барои нигоҳ доштани шифти хона 34.Яке аз мазҳаби дини ислом 35.Фурӯзонӣ**

**АЗ БОЛО БА ПОЁН:**

**2. Шабакаи иҷтимоӣ 3.Лақаби халифаи чорум Алӣ ибни Абутолиб 4.Қаҳрамони асари Павел Лукнитский 6.Дарё дар Қирғизистон 10.Номи яке аз қабилаҳои турказабон 11.Шакли геометрӣ 12.Вилоят дар Осиёи Миёна 16.Мукофоти давлатӣ 17.Эҳтиром дар мавриди зикри номи шахсони бузург 19.Дарахти меванок 25.Калонтарин дарёи олам 27.Асбоби физикӣ барои каму зиёд кардани қувваи барқ 29.Конверт 31.Ҳариф**


**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Ғазалшо Сафарзода,** роҳбари дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, **Миралиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Албина Мирзоқулова** рӯзноманигор, **Хусрав Мазориев,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19680** нусха нашр шуд.


